# ТАҚРИЗИ

роҳбари илмӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шариф Раҳимзода ба рисолаи диссертатсионии Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи **«Ҳамкориҳои тиҷоратӣ -иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ

Мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсияи илмии Иброҳимзода Амир Муддин аз он бармеояд, ки дар шароити имрӯзаи тағйироти геополитикӣ ва иқтисодии ҷаҳонӣ, самти рушди давлатҳо торафт бештар ба самти ҳамгироии минтақавӣ тағйир меёбад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ) яке аз самтҳои стратегии сиёсати иқтисодии хориҷии он мебошад. Аз ин нуқтаи назар, ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай (СҲШ), дурнамои хеле назаррас дорад.

Кори диссертатсионии Иброҳимзода Амир Муддин аз муқаддима, се боб, 8 зербоб, хулоса, рӯйхати адабиёти истифодашуда, ки 182 номгӯйро дар бар мегирад, 11 расм, 14 ҷадвал ва 10 диаграмма иборат аст. Кори диссертационӣ дар маҷмуъ 194 саҳифаи чопи компютериро фаро гирифтааст.

Дар муқаддима аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуи интихобгардида, ҳадаф, вазифаҳо, объекти таҳқиқот ва мавзуи он муайян карда шуда, ҷанбаҳои назариявию методологии рисола асоснок гардида, ҳамзамон, навгониҳои илмӣ ва самтҳои татбиқи амалии натиҷаҳои бадастомада ифода ёфтаанд.

Дар боби аввали рисолаи илмӣ – **«Асосҳои назариявии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ»** ҷанбаҳои назариявии ташаккули ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ дар шароити ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ, нақши иттиҳодияҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар рушди иқтисодиёти кишварҳои узви онҳо ва

ҳамзамон, Созмони ҳамкории Шанхай ҳамчун ниҳоди ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ баррасӣ гардидааст. Дар ин боб муаллиф тавонистааст заминаҳои назариявии таҳқиқотро бо истифода аз адабиёти илмии ватанию хориҷӣ асоснок намуда, моҳияти ҳамгирои иқтисодӣ ва тиҷорати байналмилалиро мушаххас намояд.

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Вазъи муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай» буда дар он таҳлили ҳамаҷониба ва тамоюлҳои савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай, таҳлил ва таъсири омилҳои асосӣ ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва раванди ҳамгироии кишварҳои СҲШ инчунин ҳамкориҳои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви СҲШ, мушкилот ва тамоюлҳои онҳо мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Таҳлилҳои муаллиф нишон додаанд, ки ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аъзоёни Созмони ҳамкории Шанхай дурнамои назаррас доранд.

Дар боби сеюми таҳқиқоти диссертатсионӣ – «Самтҳои рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай» роҳҳои ҳимоявии манфиатҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо кишварҳои Созмони ҳамкории Шанхай муайян карда шуда, дар ин замина дурнамои рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мамлакатҳои узви Созмони ҳамкории Шанхай дар шароити нави геоиқтисодӣ пешниҳод гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки пешниҳодҳои илмии муаллиф ба баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ миёни кишварҳои ин созмон мусоидат менамоянд. Дар ҷараёни таҳияи диссертатсия Иброҳимзода Амир Муддин қобилияти баланди таҳлилии илмӣ, ҷаҳонбинии муосири иқтисодӣ ва малакаи кор бо сарчашмаҳои гуногуни илмиро нишон дод. Ӯ тавонист масъалаҳои мураккаби назариявӣ ва амалиро мустақилона, мӯшикофона таҳлил ва баррасӣ намуда, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии асоснок пешниҳод намояд. Муаллиф дар ҳамаи марҳилаҳои таҳқиқот

фаъолияти мустақилона нишон дода, аз усулҳои муосири таҳқиқоти иқтисодӣ самаранок истифода бурдааст.

Диссертатсияи Иброҳимзода Амир Муддин дар мавзуи **«Ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай: вазъ ва дурнамои рушди онҳо»** аз ҷиҳати мантиқи хуб анҷомёфта ва дорои коркардҳои нав буда, ба талабот ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.21.- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад.

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ профессор,
сарходими илмии Институти иқтисодиёт
ва демографияи Академияи миллии
илмҳои Тоҷикистон Ш. Раҳимзода

Имзои д.и.и., профессор Ш.Раҳимзодаро тасдиқ менамоям.
Инспектори калони шуъбаи кадрҳои Институти
иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Мақсудшоева З.

Суроға: 735700 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, н. Шоҳмансур, кӯчаи Мирзо Ризо 6А
Тел: +992 (37) 221-67-50.
E-mail: info@ied.tj Сайт: www.ied.tj

«05» 03 соли 2026.